آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

16 марти соли 2022
Чоршанбе
№ 21 (14826)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКМАНИСТОН ОИД БА ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИҲОИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД БА МУВОФИҚА РАСИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 март бо Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов ва Президенти интихобшудаи ин мамлакат Сердар Бердимуҳамедов мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарвари давлатамон ҷониби Туркманистонро бо баргузории бомуваффақияти муҳимтарин рӯйдоди сиёсӣ – интихоботи президентӣ ва пирӯзии боварибахши Сердар Бердимуҳамедов самимона табрик гуфта, ба халқи бародари Туркманистон сулҳу субот, шукуфоӣ ва беҳбудӣ орзу кард.

Ба идома додани корҳои муштарак, ки ба пайваста таҳким бахшидани муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ миёни Ўзбекистон ва Туркманистон нигаронда шудааст, изҳори боварӣ карда шуд.

Ҳамчунин, масъалаҳои мубрами рӯзномаи дуҷониба ва ҳамкориҳои минтақавӣ баррасӣ шуданд.

Динамикаи мусбати рушди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байни кишварҳои мо бо қаноатмандӣ қайд гардид.

Аз рӯи ҷамъбасти соли гузашта ҳаҷми савдои байниҳамдигарӣ ва боркашонӣ хеле афзуд. Дар сатҳи минтақаҳои наздисарҳадӣ ва корхонаҳои пешқадам робитаҳои зич барқарор карда шудааст. Лоиҳаҳои мушаххаси ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, нақлиёт, энергетика, кишоварзӣ ва хоҷагии об пеш бурда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, роҳбарони ду кишвар муҳим будани идомаи муколамаи фаъоли байнипарлумонӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалиро таъкид намуданд.

Ҷадвали чорабиниҳои дарпешистода дар сатҳи олӣ баррасӣ шуд.

**ЎзА.**

## ДАР БОРАИ КУШОИШИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ БИСТУ ЧОРУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҷамъомади умумии бисту чоруми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон 17 марти соли 2022 соати 10.00 дар шаҳри Тошканд дар толори ҷамъомадҳои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон кори худро оғоз мекунад.

Ба нақша гирифта шудааст, ки ҷамъомади умумӣ 17-18 март дар шакли алоқаи видеоконфронс баргузор мегардад.

Ҷамъомади умумӣ бевосита бинобар телеканалҳои «O'zbekiston» ва «UzReport», инчунин ба воситаи сомонаи расмии www.senat.uz ва саҳифаҳои Сенат дар шабакаҳои иҷтимоӣ намоиш дода хоҳад шуд.

**ЎзА.**

*Фикри депутат*

## ҲИФЗИ МЕРОСИ МАДАНӢ — КОРИ УМУМИХАЛҚӢ

***Маданият ва санъати Ўзбекистон таърихи бузург дорад. Намунаҳои оламшумули аҷдоди мо, ки дар бахшҳои санъати нафис, аз қабили адабиёт, мусиқӣ, меъморӣ офаридаанд, тафаккури беназири маънавии мероси таърихию мадании халқи моро инъикос мекунанд. Фаъолияти меҳнатии олимону эҷодкорони қадими мо, фикру зикр ва ҷустуҷӯйи эҷодии онҳо дар гавҳари таърихи мо сабт гардида, дар қиёфаи ёдгориҳои мероси маданӣ, ки то замони мо расидаанд, таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ, барои ҳифзи ёдгориҳои археологӣ, масҷиду зиёратгоҳҳо, мадрасаю хонақоҳҳо, ки шоҳиди ҳақиқии таърихи мост, барои барқарор намудани симои қадима ва ба наслҳои оянда мерос мондани онҳо, бисёр меҳнат бояд кард.***

Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи мероси маданӣ» ҳифзи объектҳои мероси маданиро аз ҷониби давлат муқаррар кардааст. Ин дар навбати худ талаб мекунад, ки дар ҳамаи сатҳҳои сохтор, ки дар онҳо мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи муҳофизат ва истифодаи мероси маданӣ тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ, ахборӣ, моддию техникӣ ва дигарҳо андешида мешаванд, ба таври умумӣ кор кунанд.

Дар қонун, инчунин тадбирҳои ҳифзи объектҳои мероси маданӣ пешбинӣ шуда, тартиби нигаҳдорӣ, таъмир, мутобиқсозии объектҳои мероси маданӣ, инчунин корҳои тадқиқотии илмӣ ва илмию техникӣ, лоиҳакашӣ ва тартиби гузаронидани истеҳсолот муайян карда шудааст.

Маълум аст, ки имрӯз дар мамлакати мо 8210 объекти мероси моддию маданӣ таҳти ҳимояи давлат қарор дорад, ки аз он 4788-тоаш археологӣ, 2265 иншооти меъморӣ, 625 асарҳои санъати монументалӣ, 530 ҷойҳои ҷолиби диққат мебошад.

Тибқи санҷишу тафтишҳои охири мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳолатҳои расондани зарар ба иншоотҳои мероси маданӣ, маълум шуд, ки дар баъзе ҳолатҳо корҳои барқарорсозӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҷониби фармоишгар, пудратчӣ, лоиҳаҷӣ, ташкилотҳои экспертӣ бо вайрон кардани талаботи реставратсияи объектҳои илмӣ-меъморӣ ба амал бароварда шуда, ба арзиши таърихию бадеии онҳо зарари ислоҳнашаванда ва дар айни замон зарари калони молиявӣ расонда мешавад.

Аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оид ба таъмиру барқарорсозии 14 объекти мероси моддӣ дар ҷумҳурӣ бе розигии Шӯрои илмии экспертии Агентии мероси моддии назди Вазорати сайёҳӣ ва мероси мадании Ҷумҳурии Ўзбекистон ба маблағи умумии 12454,9 млн.сӯм таъмир карда шуд. Аммо, тибқи қонунгузории амалкунанда бидуни иҷозати Шӯрои илмии экспертии Агентии мероси маданӣ анҷом додани ҳама гуна корҳои барқарорсозӣ ва таъмирӣ дар иншоотҳои мероси маданӣ манъ карда шудааст.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

«Ассалом, Наврӯз — айёми бедоршавӣ, меҳру оқибат ва шаъну шараф»

## НАСИМИ БОДИ НАВРӮЗӢ ФАРО МЕРАСАД

***Имсол баҳор барвақт омад. Дар моҳи якуми ин фасл санаҳои ҷашнӣ зиёданд. Ба қарибӣ рӯзи байналхалқии бонувонро ҷашн гирифтем. Баъди чанд рӯз Наврӯзи бошукӯҳ меояд. Мардуми мо аз он рӯзе, ки нафаси баҳор мерасад, ба кишту кор омодагӣ мебинанд.***

Ба далели пандемияи коронавирус дар ду соли охир кишварҳои Шарқ, аз ҷумла, Ўзбекистон натавонист Наврӯзро ба таври густурда таҷлил кунад. Ҳоло ки вазъият беҳтар аст, омодагӣ ба ин ҷашн дар сатҳи ҷумҳурӣ идома дорад.

Қарори махсуси Президенти кишварамон низ дар ин замина қабул шуд. Имсол Наврӯз таҳти ғояи «Ассалом, Наврӯз – ҷашни эҳё ва меҳру мурувват, шаъну шараф» бо сайри умумхалқӣ дар сатҳи боло ҷашн гирифта мешавад.

Дар маҷлиси ҳокимияти вилоят чорабиниҳои вобаста ба ҷашни Наврӯз муайян гардид.

– Халқи мо дар давоми сол мунтазири Наврӯз мешавад ва мехоҳад онро дар ҳалқаи наздикон, гузару маҳаллаи худ ҷашн гирад, – гуфт ҳокими вилоят Э. Турдимов. – Чунки, Наврӯз соли нави шарқонаи худи мост, ҷашни эҳёшавӣ ва меҳру оқибат аст. Имсол дар ҳама шаҳру ноҳияҳо, маҳаллаҳои вилоят Наврӯзро ҳамчун ҷашни умумихалқӣ, мувофиқи анъанаву арзишҳои халқамон, бар асоси қоидаҳои карантинӣ баргузор мекунем.

Дар рӯзҳои наврӯзӣ тадбирҳои гуногуни фарҳангӣ гузаронда мешавад, ки онҳо вобастагии инсону табиат, меҳру муҳаббат ба Заминро мунъакис мекунанд, мардумро ба ҳифзи муҳити зист, расидан ба қадри зиндагии осудаи имрӯза, шукргузорӣ, гиромидошти қадри инсон даъват мекунад.

Ҳамчунин, дар Наврӯз мардум, аз ҷумла, мутасаддиён ба аёдати собиқадорон ва фахриёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мераванд, аз ҳоли кӯдакони хонаҳои «Меҳрубонӣ» ва «Мурувват», пиронсолони хонаҳои «Саховат», шахсони дар дафтарҳои оҳанин, бонувон, ҷавонон ва меҳр сабтиномшуда, мӯҳтоҷон хабар мегиранд ва кумаки беғараз мерасонанд, чорабиниҳои хайриявӣ ташкил мегардад.

Ҷашни асосии вилоят дар Боғи марказии истироҳатии Алишер Навоӣ ва кӯчаҳои атрофи он – Камол Отатурк ва Алишер Навоӣ баргузор мешавад. Дар амфитеатри «Мӯъҷиза» бо иштироки ҳунармандон барномаи консертӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар маскани Қаросув, мавзеи Кимиёгарлар, шаҳраки Фарҳод низ тадбирҳои наврӯзӣ сурат мегирад.

Рӯзи 18-уми март дар шаҳри Самарқанд «Фестивали кабоб», рӯзи 19-уми март дар ноҳияи Ҷомбой мусобиқаи бузкашӣ барпо мешавад.

Ба муносибати Наврӯз дар бозорҳо ва ҷойҳои пуродам ярмаркаи маҳсулоти арзони хӯрокворӣ ташкил мегардад.

Дар чорҷӯбаи лоиҳаи «Макони сабз» мардуми шаҳру ноҳияҳо ҳашар ва аксияи «Дар маҳалла ниҳол мешинонам»-ро амалӣ мекунанд.

Хулоса, имсол ҷашни Наврӯз ба таври густурда бо ниятҳои нек баргузор хоҳад шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



*Заводи сементи назди ҷамъияти саҳҳомии "Комбинати маъдани кӯҳии Олмалиқ", ки дар ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё фаъолияти худро ба роҳ мондааст, мувофиқи талаби замон ба рушди саноат ва зиёд намудани масолеҳи сохтмони мамлакат ҳиссаи худро мегузорад. Бунёди заводи мазкур, ки қисми технологии он бо ҳамкории фирмаи "DAL Teknik Makina Ticaret ve Sanayi A.S."-и Туркия ба роҳ монда шудааст, дар ноҳияи Шеробод сабабҳои ба худ хос дорад. 708 миллион тонна ашёи хоми семент, 530 миллион тонна оҳаксанг ва 178 миллион тонна хок айнан дар конҳои бузурги ҳамин минтақа ҷой гирифтааст. Дар натиҷаи ба амал баровардани лоиҳаи инвеститсионӣ, ки 212, 8 миллион доллари ИМА арзиш дорад, дар ин ҷо соле истеҳсоли 1,5 миллион тонна портландсементи босифат ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, 1200 нафар аҳолӣ бо кори доимӣ таъмин гардид.*

***Дар акс:** дар заводи сементи ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё.*

***Аксбардор: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

## ОСОИШГОҲИ ЧИМЁН БА МАЙДОНИ БАҲСИ ҶУРНАЛИСТОН ТАБДИЛ ЁФТААСТ

***Дар ин осоишгоҳ медиафоруми даҳуми анъанавӣ таҳти унвони "Ҷомеа ва воситаҳои ахбори оммавӣ" ба кори худ оғоз намуд. Медиафорум панҷ рӯз давом мекунад. Муассисии онро ҳокимияти вилояти Фарғона ва бахши вилоятии Иттиҳодии эҷодии журналистони Ўзбекистон бар дӯш доранд.***

Дар медиафорум раиси Иттиҳодии журналистони ҷумҳурӣ Олимҷон Ўсаров, директорони генералии Агентии миллии ахбори Ўзбекистон ва Агентии ахбори "Дунё"-и Вазорати корҳои хориҷӣ Абдусаид Кӯчимов ва Садриддин Суяров, сардабири нашриёҳои "Зарафшон" ва «Самаркандский вестник" Фармон Тошев, инчунин журналисти ботаҷриба Карим Баҳриев ва дигарон ширкат доранд.

Маросими ифтитоҳи медиафорумро бо сухани муқаддимавӣ ноиби ҳокими вилояти Фарғона Хуршедҷон Аҳмедов ҳусни оғоз бахшид.

– Ба ин осоишгоҳ ҳамаи шуморо хайрамақдам мегӯям. Ҳоло сардабирони нашриёҳои гуногуни чопӣ ва интернетӣ ва бештар аз 70 нафар журналистони расонаҳои гуногуни давлатӣ ва мустақил ин ҷо гирдиҳам омадаанд. Дар давоми панҷ рӯз масъалаҳои марбут ба соҳаи журналистика, бурду бохт ва рушди соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт, – изҳор намуд Хуршедҷон Аҳмедов.

– Ҳоло як қатор журналистон ва намояндагони ниҳодҳои гуногунро низ интизорем. Ба ин ҷо ректори Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавӣ ва раиси умумии Иттиҳодияи миллии воситаҳои ахбори электронӣ Шерзодхон Қудратхӯҷа, сардабири маҷаллаи "Адабиёти ҷаҳон" Аҳмадҷон Мелибоев, депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Дониёр Ғаниев ва Умед Ҷабборов, сардабири нашрияи интернетии "Rost 24" Анора Содиқова ва дигарон даъват шудаанд. Ҳадафи мо яктост: дар доираи баҳсу мунозираҳо рушду ривоҷ додани воситаҳои ахбор ва ҳосил намудани малакаву маҳорати касбӣ. Интизор меравад, ки чанд нафар собиқадорони журналистика дарсу машғулиятҳои маҳорат низ мегузаронанд, – мегӯяд раиси бахши вилоятии Иттиҳоди эҷодии журналистони ҷумҳурӣ Муҳаммадҷон Обидов.

Ташриф овардани як гурӯҳ иштирокчиёни медиафорум ба гӯшаи биҳиштосои вилояти Фарғона – ноҳияи Сӯх барномарезӣ шудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА СОЗМОН ДОДАНИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ВАРЗИШИИ ОИД БА БОКСИ БАҲОДИР ҶАЛОЛОВ

Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 5 ноябри соли 2021 № ҚП-5280 "Дар бораи Барномаи рушди фаъолияти муассисаҳои варзишию таълимӣ то соли 2025" ва Консепсияи рушди бокс то соли 2025, ки бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 апрели соли 2021 №ҚП-5099 тасдиқ шудааст, инчунин ба мақсади тайёр кардани варзишгарони боистеъдод ба сифати боксёрҳои касбӣ, тарғиби васеи фаъолияти варзишгарони ватанӣ – ғолибон ва ҷоизадорони Бозиҳои олимпӣ:

**1.** Дар системаи Вазорати рушди варзиш **Мактаби маҳорати варзишии оид ба бокси Баҳодир Ҷалолов** (минбаъд – мактаби бокс) таъсис дода шавад.

**2. Вазифаҳои асосии мактаби бокс** инҳо муайян карда шаванд:

фароҳам овардани базаҳои моддию техникӣ ва таълимию тамринӣ, ки бо лавозимоти зарурии варзишӣ ва таҷҳизоти замонавии ҷавобгӯйӣ талабот ва стандартҳои муосири байналмилалӣ муҷаҳҳаз гардонда шудаанд ва тайёр намудани боксчиёни дараҷаи байналмилалӣ, ки қодиранд шарафи Ўзбекистонро дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва минтақавии сатҳҳои гуногун – Бозиҳои олимпӣ ва Осиё, чемпионатҳои ҷаҳон ва Осиё, универсиадаҳо ва ғайра муносиб ҳимоя кунанд;

**таҳкими ҳайати мураббиёни** бокс тавассути ҷалби васеъи **мутахассисон-мураббиён, равоншиносон ва методистҳои** баландихтисос, аз ҷумла мутахассисони варзидаи кишварҳои хориҷӣ барои омода намудани боксчиёни дараҷаи байналмилалӣ;

**ташкили раванди таълимию тамринии боксчиён дар дараҷаи стандартҳои байналхалқӣ**, мунтазам баланд бардоштани сифати тайёрии назариявӣ ва техникию тактикии онҳо бо роҳи дар ҷараёни таълимию тамринӣ ҷорӣ намудани технологияи навтарини илмӣ ва методӣ, бо назардошти таҷрибаи пешқадам;

рушди сифатҳои касбии боксчиён, инчунин **омода намудани боксчиёни сатҳи баланди маҳорат барои дастаҳои миллии мунтахаби Ўзбекистон** мутобиқи талаботи байналмилалӣ оид ба рушди бокс;

**бо мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои махсуси варзишии кӯдакону наврасон, мактаб-интернатҳои махсуси давлатӣ оид ба намудҳои олимпӣ ва миллии варзиш, коллеҷҳои захираҳои олимпӣ ва паралимпӣ, мактабҳои маҳорати олии варзишӣ оид ба бокс, Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба санъати ҳарбии варзишӣ** ва дигар муассисаҳои варзишию таълимӣ оид ба масъалаҳои интихоб ва тарбияи боксчиёни ҷавони умедбахш;

инкишоф додани ҳамкорӣ бо мактабҳои бокси хориҷӣ, клубҳо ва марказҳои ташкил ва мунтазам гузарондани ҷамъомадҳои таълимию тамринӣ, **мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ** бо иштироки командаҳои миллии яккачин ва захираҳои онҳо оид ба бокс, мубодилаи таҷриба барои баланд бардоштани дараҷаи маҳорати касбии мураббиёну боксчиён.

**3.** Муқаррар карда шавад, ки:

мактаби бокс фаъолияташро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қарори Девони Вазирон аз 2 июни соли 2018 № 410 **«Дар бораи такмили фаъолияти мактаб-интернатҳои давлатии махсусгардонидашуда оид ба намудҳои варзиш»** амалӣ менамояд, аз он ҷумла **муассисаи таълими ҳамагонии давлатии варзишию таълимӣ** бо мақоми шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад;

мактаби бокс аз **соли таҳсили 2022/2023 ба** фаъолият шурӯъ мекунад;

контингенти умумии мактаби бокс **175** нафар талабагони **синфҳои 5-11** ташкил медиҳад;

талабагони мактаби бокс аз рӯи барномаҳои таълими ҳамагонӣ дар **мактабҳои маълумоти умумии наздиктарин** таълим мегиранд;

оид ба таъминоти лавозимот барои **истиқомат, меъёри ҳаррӯзаи хӯрок, асбобу анҷоми варзишӣ, инвентар ва форма** ба хонандагони мактаби бокс меъёрҳои таъминоте, ки барои мактабҳои маҳорати олии варзишӣ муқаррар карда шудаанд, истифода мешаванд;

барои қисман пӯшондани хароҷоти хӯроки бепул (имтиёзнок) талабагони мактаби бокс, **пардохти падару модарон ситонда намешавад** ва талабагон пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо хӯрок таъмин карда мешаванд;

**музди меҳнати** директори мактаби бокс, муовинони ӯ, тренер-омӯзгорон, инструктор-методистон, тарбиятгарон ва **ҳавасмандгардонии кори** ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию тарбиявӣ ва мураббиёни мактаб мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 21 декабри соли 2005 № 275 **«Дар бораи тасдиқ намудани низоми мукаммали пардохти музди меҳнати кормандони маорифи халқ»** ба амал бароварда мешавад;

**ҳавасмандгардонии кори** директори мактаби бокс, муовини ӯ оид ба корҳои тарбиявӣ ва варзишӣ, тренер-омӯзгорон, инструктор-методистҳо, кормандони соҳаи тиб мутобиқи қарори Девони Вазирон аз 23 сентябри соли 2010 № 211 **«Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти мактабҳои варзишӣ ва системаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнати мураббиён ва мутахассисони мактабҳои варзишӣ»** амалӣ гардонда мешавад;

**пардохти музди меҳнати** кормандони тиббии мактаби бокс тибқи қарори Девони Вазирон аз 21 декабри соли 2005 № 276 **«Дар бораи тасдиқи низоми мукаммали пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи тиб»** амалӣ карда мешавад.

**4. Манбаъҳои маблағгузории мактаби бокс** инҳо муайян карда шаванд:

маблағҳои буҷети давлатӣ;

даромаде, ки аз фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ) аз рӯи ихтисоси фаъолият ва дигар намудҳои фаъолият, ки ба вазифаҳои оинномаи мактаб мувофиқ аст, ба даст оварда шудаанд;

даромаде, ки аз иҷораи амволе, ки дар давраи баргузор нашудани машғулоти асосӣ истифода нашудааст, ба даст оварда шудаанд;

хайрияҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

дигар манбаъҳое, ки санадҳои қонунгузорӣ манъ накардаанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА СОЗМОН ДОДАНИ МАКТАБИ МАҲОРАТИ ВАРЗИШИИ ОИД БА БОКСИ БАҲОДИР ҶАЛОЛОВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**5.** Вазорати рушди варзиш (А. Икрамов):

**а) дар тўли се моҳ** оид ба инҳо чораҳо андешад:

**тасдиқи устав** ва қайди давлатии мактаби бокс мувофиқи тартиби муқарраршуда;

**марҳила ба марҳила** бо ҳайати омўзгорони соҳибихтисос ва мураббиёне, ки дорои технологияҳои муосири педагогӣ мебошанд, **таъмин намудани** мактаби бокс;

**б)** якҷоя бо Кумитаи миллии олимпии Ўзбекистон ва Федератсияи бокси Ўзбекистон амалӣ намудани **назорати доимии давлатии сифати тайёркунии варзишгарон** дар мактаби бокс;

**в)** якҷоя бо Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ ва Вазорати молия ҷадвали **штатҳои** кормандони роҳбарӣ, техникӣ, хизматрасонӣ ва таълимию ёрирасони мактаби боксро **таҳия ва тасдиқ кунанд;**

**г)** якҷоя бо Вазорати маорифи халқ барои **ба машғулиятҳо** дар мактаби бокс ҷалб намудани **талабагони** мактабҳои таълими ҳамагонӣ чораҳо андешад.

**6.** Вазорати рушди варзиш, Кумитаи миллии олимпии Ўзбекистон, Вазорати сохтмон ва ҳокимияти шаҳри Тошканд то 1 августи соли 2022 бунёди мактаби замонавии бокс ва **таҷҳизоти** онро дар ҳудуди **мактаби таълими ҳамагонии № 259**, ки бинобар нишонии: шаҳри Тошканд, ноҳияи Юнусобод, мавзеи 9 ҷойгир шудааст, таъмин намоянд.

Барои ташкил кардан ва таҷҳизонидани мактаби бокс аз бюҷети давлатӣ ҷамъ **25 миллиард** сўм ҷудо карда шавад.

Девони Вазирон якҷо бо вазоратҳои рушди варзиш, рушди иқтисод ва коҳиши камбизоатӣ, молия бо назардошти талаботи банди мазкур параметрҳои даҳлдори Барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолии Ҷумҳурии Ўзбекистонро барои солҳои 2022-2024 аз нав дида бароянд.

**7.** Вазорати сохтмон (Закиров Б.) экспертизаи комплексии ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавиро барои татбиқи қарорҳои оптималии меъморию техникӣ ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии мактаби бокс, сохтмони мактаб **аз масолеҳи арзон, сарфакунандаи энергия, конструксияҳо ва масолеҳи сабуки васлшавандаи аз технологияҳои инноватсионӣ асосёфта, мутобиқати онҳо ба талаботи бароҳат ва бехатарии экологӣ** таъмин намояд, инчунин ба сифати корҳои сохтмону монтаж **назорати** доимии **давлатии меъморию сохтмонӣ муқаррар намояд.**

**8.** Вазорати молия ҷудо намудани маблағҳои заруриро вобаста ба нигоҳдории фаъолияти мактаби бокс дар доираи маблағҳое, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2022 пешбинӣ шудааст, таъмин намояд ва аз соли 2023 – ҳамасола дар параметрҳои буҷети давлатӣ пешбинӣ карда шаванд.

**9.** Вазорати рушди варзиш якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар мўҳлати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклифҳо пешниҳод намояд.

**10.** Ба зиммаи вазири рушди варзиш **А.И. Икромов** ва ҳокими шаҳри Тошканд **Ҷ.А. Ортиқхоҷаев** масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои қарори мазкур гузошта шавад.

Муҳокимаи рафти иҷрои қарори мазкур, амалӣ гардондани ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилоти барои иҷрои онҳо масъул ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон А.А. Абдувахитов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*14 марти соли 2022.*

---

*Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол*

# «ДАР САФИ ПЕШ БУДАН ОСОН НЕСТ»

**мегўяд амини маҳаллаи «Навбоғчиён»-и шаҳри Самарқанд Муродилло Остонақулов**

Дар вилояти Самарқанд беш аз 1000 гузару маҳалла ҳаст, ки миёни онҳо маҳаллаи тоҷиктабори «Навбоғчиён»-и шаҳри бостонӣ аз ҷамоати шаҳрвандони пешқадам ба шумор меравад.

Чанд сол муқаддам маҳаллаи мазкур на бинои маъмурӣ дошту на нуфузи хосса. «Болои сўхта намакоб», коркун яктаю балегўй садто шуданд. Мардуми корафтода барои ҳалли муаммо назди мансабдорон раванд, мақоли «гўши ману девори қиёмат» буд.

Мўйсафедони рўзгордидаи гузар машварат ороста, қарор карданд, ки ба Муродилло барин марди кордон кор осон. Мебояд ўро амини деҳа интихоб кард. Воқеан, Муродилло Остонақулов пас аз хидмат дар идораҳои ҳуқуқу тартибот ба нафақа баромада, бо соҳибкорӣ машғул буд. Таъҷилан ўро ба маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботии маҳалла даъват намуданд. Масъалаи пешбарӣ ба вазифаи сарвари гузар ба миён омад, собиқадори таълими халқ Абдукарим Ўрунови 80-сола риштаи суханро ба даст гирифт:

– Дар ин ҷо писари ҳамкасбам раҳматӣ муаллим Азизҷон Муродилло ҳузур дорад, ҳамин шахс ба вазифаи амини гузар муносиб аст.

– Барои боварӣ ташаккур! Талаби мўйсафедону фаъолон барои ман қонун, – аз ҷо хеста, даст болои сина гузошт Муродилло. — Вазифаи пурмасъулро ба зимма бо шарте мегирам, ки агар ҳама аз як гиребон сар барорем. Бо «ҳалво» гуфтан даҳон ширин намешавад. Ҳаракату баракат. Муаллими адабиётамон мегуфтанд, ки “ҳар кӣ бо халқ ситезад, сар ба сар обрўйи худ резад”.

Дар маҷлис амини нав, ки ҳозиронро чун панҷ панҷа медонист, «команда»-и хешро интихобу тасдиқ карда гирифт. Чанд нафар мўйсафедонро маслиҳатгару раҳнамо таъин намуд.

Аз рўзи аввал Муродилло аз пайи пайдо кардани роҳи ҳалли муаммоҳо шуд.

Баъди намози бомдод мўйсафедон аз рўйи одат ба чойхонаи гузар омаданд. Муродиллои дилёб як коса қаймоқ ва ду дона нони гармро назди онҳо гузошта гуфт, ки аз нўги хамир фатир. Аммо барои гузар бинои нав бояд сохт. Пирони ҳимматбаланд аз ҳисоби нафақаи худ чанд сўмӣ ба хазинабон дода, таъкид кардаанд, ки бигузор ҳама огоҳ шаванд – ҳашари умумихалқӣ эълон мекунем ва ҳар кас аз рўйи имконият саҳмгузор гардад.

Дар муддати кўтоҳ қариб сад миллион сўм ҷамъ оварда шуд. Сохтмон оғоз ёфт. Вале барои бунёди ошёнаи дуюми иншооти хушсифату замонавӣ маблағ нарасид. Дар чунин вақт ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов роҳгузар шуда, баъди «монда набошед!» гуфтан пурсид ки аз ман чӣ хизмат?

– Агар ҳокимият ёрдами моддӣ диҳад, дар арафаи иди истиқлол бинои навро ба истифода месупоридем, – нимшўхиву нимҷиддӣ луқма партофт Аҳтамбобо Абдураҳимови 90-сола.

– Аз шумо ишорат, аз мо бо сар давидан, – пирамардро самимона ба оғўш кашид ҳоким, – дуои хайр кунед, ки Самарқанди қандманд обод гардад.

Дар ҳақиқат, дере нагузашта аз ҳисоби буҷаи ҳокимият 700 миллион сўм ирсол гардид. Сохтмон боз авҷ гирифт. Меъмор Баҳрон Маннонов лоиҳаи биноро таҳия намуда, ба бинокорон маслиҳатгар шуд...

Ҳоло дар бинои дуошёна дар асоси панҷ ташаббуси сарвари давлатамон ҳунар меомўзанд, бо варзиш машғул мешаванд, аз олами санъату мусиқӣ баҳраманд мегарданд.

### Чаро «Навбоғчиён» мегўянд?

Маҳаллаи «Навбоғчиён» таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Дар асрҳои IX-X аз сарҳади Панҷакенти Тоҷикистон – саҳеҳтараш мавзеи Равотхоҷа бо ташаббуси Закарияи Варроқӣ қисми оби дарёи Зарафшонро бо канали Дарғам ба Самарқанд овардаанд. Сипас, он ба бисёр ҷўйҳо тақсим шуда, яке аз шохобчаҳое, ки он дар қадим номи худои Зардуштиён Аҳурамаздоро дошт ва бо гузашти айём суфта ва халқӣ гардида, Мазоқинро гирифтааст. Маҳз тавассути гузари «Навбоғчиён» сўйи шаҳри Самарқанд ҷорист. Шояд бобою бобокалонҳои мардуми таҳҷоӣ, ки соф тоҷик буданд, боғҳои нав бунёд кардаанд, ки ҳоло номи «Навбоғчиён»-ро дорад.

Инчунин, дар маркази гузар масҷиди ҷомеи Ғанӣ Аттор вуҷуд дорад, ки дар солҳои ҳукмронии давлати шўро ба вазифаҳои дигар истифода гардид. Хушбахтона, аҳли гузар масҷидро таъмир карданд, ки намуди зебову дилнишинро гирифт. Дар ин кори хайр хизмати беминнати савобталабон Муртазобобо Примов, Самадбобо Ҳоҷиев, Фозилбобо Ўрунов, Аҳтамбобо Абдураҳимов ва дигарон хеле калон аст.

Бояд таъкид намуд, ки ҳоло дар маҳалла қариб чор ҳазор нафар аҳолӣ дар 720 хонадон аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд, ки танҳо ду нафари онҳо ба миллати рус мансуб буда, боқимонда тоҷикон ҳастанд.

### Ҷомаи бомаслиҳат кўтоҳ наояд

Вақте мо ба идораи маъмурии хушсохту зебо омадем, чанд нафар фаъолону мўйсафедон ҳалқа нишаста, сўйи Муродилло менигаристанд. Вай аз рўзнома фармони сарвари давлатамонро «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026»-ро хонда, шарҳ медод.

– Дар стратегияи рушд барнома ва нақшаҳои наве, ки тараққиёти ҳамаи соҳаҳоро дар бар мегиранд, пешбинӣ шудаанд, – гуфт Муродулло Остонақулов. – Боиси ифтихор аст, ки роҳбари кишварамон ҳамаи имкониятҳои сохтори идоракунии давлат ва ҷамъиятро бо қувваи бузург ва иштиёқи баланд ба мақсади нек сафарбар карда истодааст. Алалхусус, фаъолияти самарабахши ёварони ҳокимони шаҳру ноҳияҳо оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ, инчунин, пешвоёни ҷавонон, ки дар маҳаллаҳо ба сифати ниҳоди нав ҷорӣ шуданд. Ҳозир ҷавонони чаққону зирак Заршед Эҳсонов, Саъдулло Неъматов, Бобур Амонов ва дигарон тартиби омўзиши мушкилоти мардумро хуб дониста, дар ҷустуҷўи роҳи ҳалли онҳо чораҳои заруриро меандешанд. Ҳоло нуфузи маҳалла дар байни аҳолӣ бо роҳи фароҳам овардани низоми мурочиат ба мақомоти давлатӣ ва мулоқоти онҳо бо масъулон, расонаҳои хидматҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ бевосита дар истиқоматгоҳ нуфузи маҳалларо баланд мебардоранд.

Аҳтамбобо Абдураҳимов, Каримбобо Ўрунов, Самеъҷон Ҳалимов, Зокирҷон Давронов, Абдукарим Маннонов, Аҳмадҷон Эшов ва албатта, бонувони ташаббускор Хуршеда Маҳмудова, Сарвара Мавлонова, Соҷида Исомова, Раҳима Ҳамроқулова, Сайёра Саидова ва дигарон маслиҳатгарон ҳастанд.

Воқеан, қиблагоҳи Муродилло раҳматӣ Азиз Остонақулов дар мактаби рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд устоди мо буд, ки зиёрати хонаи охирати ўро ҳам қарз ҳам фарз донистем. Аз ҳамин сабаб, ҳама сўйи қабристон раҳсипор шудем. Ва бояд таъкид намуд, ки дар шаҳри Самарқанд қариб 50 адад қабристонҳо буда, водии хомўшони деҳаи Навбоғчиён ҳамчун зиёратгоҳи ҳақиқӣ эътироф шудааст.

– Бо кумаки шахсони савобталаб айвони калон сохтем, ки мардум зери барфу борон ва офтоби сўзон намонанд, – гуфт Муродилло Остонақулов, – ҳар сол садҳо бех ниҳолҳои манзаравию сояафкан ва гулбуттаҳои гуногун месабзонем.

Дар кўчаҳои мумфарш сайр карда, майдончаҳои варзиш, ки ҷойи дўстдоштаи бачагон ҳаст ва аз дигар корҳои ободонӣ дидан карда, шоду масрур шудем ва ба марди ғайратманду ташаббускор тасанно гуфтем.

**Собири БУРҲОН,**
**муҳаррири калони бахши тоҷикии телевизиону радиои давлатии вилоят.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

---

*Дар ҷамоати шаҳрвандони овули “Саришунгил”-и ноҳияи Хўҷайлӣ бинои нави «Шаҳрчаи иҷтимоӣ» ба истифода супурда шуд. Дар чорабинӣ раиси Жўқорғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон М. Камолов иштирок карда, ҷамъомадагонро бо фарорасии баҳор, иди Наврўзи оламафрўз, инчунин соҳибони хонаҳои навро бо манзилҳои замонавиашон табрик намуд.*

*Таъкид гардид, ки бо ташаббуси роҳбари давлат солҳои охир оилаҳои камтаъмин, танҳо, маъюб ва ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷ ҳаматарафа дастгирӣ карда мешавад, ки дар замири ин ғамхориҳо*



# Дар “Шаҳрчаи иҷтимоӣ” 124 хона ба соҳибони худ супурда шуданд



*гиромидошти инсон, беҳбудии шароити зист ва аз камбизоатӣ баровардани аҳолӣ нуҳуфтааст. Шаҳрчаи нав низ ба чунин табақаи аҳолӣ сохта супурда шуд.*

*Инчунин, дар ноҳия фабрикаи бофандагии дорои 150 ҷойи кор, гармхона, ҳавзи моҳипарварӣ, сехи нонпазӣ, маҳсулоти нонӣ ва дигар марказҳои хидмати маишӣ барпо гардиданд. Дар “Шаҳрчаи иҷтимоӣ” дорухона, толори варзишӣ, китобхона, маркази IT, хонаи компутерӣ, дуконҳои савдо, сартарошхона, муассисаи томактабии нодавлатии “Ояндаи Хўҷайлӣ” фаъолият мебаранд. Дар чорабинӣ калиди хонаҳо ба соҳибони худ ботантана супурда шуданд.*

***Дар акс:** бинои нави «Шаҳрчаи иҷтимоӣ»-и овули “Саришунгил” ба истифода супурда шуд.*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ.***
***ЎзА.***

---

## ХАБАРҲО — ХАБАРҲО

### ТАСВИРҲО – ИНЪИКОСГАРИ ЯКДИЛИИ ХАЛҚҲО

***Президентамон аснои шиносоӣ ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ноҳияи “Янги ҳаёт”-и пойтахт дар намои берунии яке аз биноҳои нави бисёрошёна ба тасвире, ки чун рамзи ҳамҷиҳатӣ, тифоқию дўстӣ ба назар метофт, таваҷҷуҳ намуда ва супориш дода буд, ки дар ороиши қисми берунии иншооти истиқоматие, ки оянда барпо мешавад, мусаввираи мазкур чун намуна мавриди истифода гардад.***

Инак, ин гуна тасвирҳои ҷолиб, ки ифодагари ҳамгароии халқҳои мост, қисми зоҳирии чандин биноҳои нави истиқоматиро, ки дар 38 ҳудуди шаҳри Тошканд ба бунёд меоянд, зеб мебахшанд.

Дар як худи мавзеи “Дўстлик”-и ноҳияи зикршуда намояндагони 32 миллату халқият аҳлона умр ба сар мебаранд. Мусаввираҳое, ки дар намои биноҳои истиқоматӣ мазмун ва моҳияти хос дошта, дар навбати аввал рафоқату якдилии сокинони ин маҳалро дар худ таҷассум кардаанд, ба бинанда нафақат завқи эстетикӣ мебахшанд, айни замон аз пешравии индустрияи шаҳрсозии замонавӣ дар пойтахти ҷумҳурии мо гувоҳӣ медиҳанд, мегўянд масъулони ҳокимияти шаҳри Тошканд.

### ВАҚТЕ ИСТЕЪМОЛГАР ҲАҚ АСТ

***Аз ҷониби Агентии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар маҷлисгоҳи Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ анҷумани матбуотӣ доир ва дар он корҳои муҳиме, ки аз ҷониби идораи мазкур дар давоми соли 2021 ба иҷро расонда шуданд, маълумот дода шуд.***

Қайд гашт дар тўли соле, ки сипарӣ гардид, аз тарафи бештар аз 6 миллион нафар истеъмолгарон муроҷиатҳо афтид. 26 фоизи муроҷиатҳо ҳаққонӣ ҳисобида шуданд. Маълум гашт 127, 1 миллиард сўм барзиёд маблағ сарф карда шудааст. Аз ин миқдор 54,1 миллиард сўм ба фоидаи истеъмолгар баргардонида шуд. Қисми зиёди муроҷиатҳо дар масъалаҳои пардохти коммуналӣ мебошанд. Қисме аз муроҷиатҳо оиди ярокнок набудани оби нўшокӣ аснои тафтиши кимёвию бактериологӣ дар лабораторияҳои махсус низ ба исбот расид ва чораҳои саривақтӣ андешида шуданд. Маълум, ки гурўҳе аз истеъмолгарон ҳақи коммуналиро пешакӣ мепардозанд. Вале гоҳо бинобар таъмирҳои ҷорӣ таъмини гази табиӣ дар маҳалҳои ҷудогона қатъ меёбад. Бинобар ҳамин бо даҳолати Агентии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ва якҷо бо идораи таъмини гази ҳудудӣ дида баромадани ин масъала ба 534 нафар муроҷиаткардагон 24 миллиард сўм маблағҳои пешакӣ пардохташуда баргардонда шуд, қайд гардид дар анҷумани матбуотӣ.

### ҶАШНИ БАҲОР ДАР ҚАСРИ “ТУРКИСТОН”

***Ба пешвози Наврўзи фаррухпай тараддудҳо аллакай оғоз ёфтаанд. Дар қасри “Туркистон”-и пойтахт таҳти шиори “Ассалом Наврўз – айёми навсозӣ ва қадру қимат” тантана рўйи кор омад, ки ба он қисми ҳарбии тобеи Фармондеҳии Гвардияи миллӣ сару бар гардид.***

Дар нишасти идона баробари хидматчиёни ҳарбӣ падару модар ва қарибони онҳо ширкат ҷустанд. Дар оғози чорабинӣ дар вазъи тантанавӣ ба беҳтарин хидматчиёни соҳа унвонҳои ҳарбӣ, ифтихорнома ва тuhфаҳои хотиравӣ супурда шуд. Оиди ғамхориҳои давлатӣ дар ҳақи муҳофизатгарони Ватан ва масъулони ҳуқуқу тартибот гуфтугўҳо ба миён омаданд. Таъкид ёфт бинобар фидокории муҳофизони мулк иқтидори мудофиавии Ватани азизи мо торафт боло меравад. Ба падару модари ҳарбиёни пешқадам ташаккурномаҳо низ супурда шуд. Саҳначаҳо дар мавзўи мудофиа, сурудҳо дар васфи Ватан дар иштирокдорон таассуроти хуб гузошт.

**М.ШОДИЕВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

---

# ҲОЛАТИ ТЕХНИКИИ МАНЗИЛҲОИ БИСЁРОШЁНА ОМЎХТА МЕШАВАД

***Бо мақсади такмил додани низоми идоракунӣ ва истифодабарии бунёди манзилҳои бисёрошёна, ташаккул додани низоми самарабахши назорати техникии биноҳо, куллан беҳсозии таъминоти хидматҳои босифати манзиливу коммуналӣ, ҳамчунин, фаъолияти устувори ҷамоаҳои мулкдорони хусусии манзил фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, «Дар бораи чорабиниҳо доир ба такмил додани идораи низоми хидматрасонии манзиливу коммуналӣ» ва қарор «Дар бораи созмон додани фаъолияти Вазорати хидматрасонии манзиливу коммуналии Ҷумҳурии Ўзбекистон» ба тасвиб расида буд.***

Дар Маркази матбуоти миллии пойтахт бо ҳамкории Ширкати иттиҳодияи «Ўзсаноатқурилишинвест» доир ба мавзўи «Таҳлили корҳои иттиҳодия ва фаъолияти он» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Дар ҷамъомад роҳбари вазорати хидматрасонии манзиливу коммуналии ҷумҳурӣ Элёр Комилов оиди рафти иҷрои вазифаву супоришоти ҳукумат маълумот дод.

– Пеш аз ҳама гурўҳи кориро иборат аз намояндагони ҳокимияти ноҳияҳо, ҷамоати шаҳрвандон ва фаъолони маҳалла ташкил карда, корро аз омўхтани ҳолати техникии манзилҳои бисёрошёна оғоз намудем. Дар натиҷа азназаргузаронии объектҳои таъминоти гармӣ, канализатсия, таъминоти оби ошомиданӣ, муддат ва ҳаҷми кор муайян шуда, гурўҳи корӣ ба иҷрои он шурўъ намуд, – мегўяд ў.

Дар ҷамъомад роҳбари Инспексияи соҳаи назорати истифодаи бунёди манзилҳои бисёрошёнаи назди вазорат Баҳром Оллоберганов баромад карда гуфт, ки аз ҷониби инспексия ҳолати техникии 18770 манзил омўхта шуда, ҳолати ғайриқонунии барпо намудани 11787 объекти сохтмонӣ аниқ гардид.

Тавсия дода шуд, ки онҳо ба тарзи ихтиёрӣ вайрон карда шаванд. Алҳол 9200 тои онҳо бартараф карда шуда, боқимонда дар асоси талабу тартибот бунёд мешаванд.

Таъкид гардид, ки дар биноҳои бисёрошёна ҳангоми таъмири дохилӣ набояд ҷойи дару девор кўчонда шавад, ба таври худ ба онҳо тағйирот ворид кунанд, ки ин пеш аз ҳама, ба бино ва аҳолӣ хавф дорад. Нисбати шахсоне, ки ба вайрон кардани дизайни муҳандисӣ ва зидди меъёрҳои шаҳрсозӣ рафтор кардаанд, чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Ҳолатҳои аз ошёнаи якум ва зерхонаи бино ба таври ғайриқонунӣ истифода бурдани субъектҳои соҳибкорӣ аниқ гардида, аз рўйи ин ҳолат ба идораҳои даҳлдор хабар расондаанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

---

# ҲИФЗИ МЕРОСИ МАДАНӢ – КОРИ УМУМИХАЛҚӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар қарори Президент «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди минбаъдаи маданияти миллӣ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон» вазифаи таъмини фаъолияти пурраи муассисаҳои маданият ва санъат, боз ҳам мустаҳкам намудани базаи моддии онҳо, ба роҳ мондани назорати ҷомеа дар нигаҳдорӣ ва ҳифзи объектҳо, гузошта шудааст. Инчунин, вазифаи ба як қатор ёдгориҳо вобаста кардани назоратчии ҷомеавӣ низ муайян карда шудааст.

Дарҳақиқат вақте назорати ҷамъиятӣ мегўем, ки фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, субъектҳои назорати ҷамъиятӣ дар назар дошта мешавад, ки бо мақсади назорати фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Мутаассифона, то имрўз иҷрои вазифаҳои рўзмарраи дар қарор пешбинишуда, кашол меёбад.

Бинобар ин, Сарвари давлат аҳамияти назорати ҷамъиятиро дар рушди тамоми соҳаҳои кишвар таъкид мекунад.

Бояд гуфт, ки татбиқи қонунгузорӣ вобаста ба рушди фарҳанг, рушди илм, инчунин ҳифзи мероси таърихию маданӣ танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ шуда истодааст. Аммо, заминаи ҳуқуқии қонунгузории кишвар бевосита ба тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ба шўроҳои маҳаллӣ ва ҳокимиятҳо дахл дорад. Мувофиқи он масъалаҳои муҳофизат ва таъмири мероси моддии маданӣ, инчунин назорати иҷрои қонунҳои даҳлдор дар соҳа бояд аз тарафи депутатҳои ҳудудӣ дар сессияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ омўхта ва муҳокима карда шаванд.

Зеро, барои дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол намудани кишварамон, ки баҳри ноил шудан ба мақсадҳои бузург қадам партофта, дигаргун мегардад, аввало мо бояд кори пуршарафи баланд бардоштани арзиши мероси муқаддаси маданӣ, ҳамчун қарзи миллӣ ва аз ҳама муҳимаш, ҳамчун қарзи шаҳрвандӣ идрок намоем.

**Ойдин АБДУЛЛОЕВА,**
**аъзои кумитаи масъалаҳои илм, маориф, маданият ва варзиши Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

Ба наздикӣ дар нашриёти «Тӯрон нашр»-и шаҳри Самарқанд китобчаи Ӯзбакбойи Раҳмон бо номи "Таърихномаи "Бухорои шариф" аз чоп баромад, ки дар он муҳаққиқ дар бораи аввалин рӯзномаи тоҷикии "Бухорои шариф" ва замони пайдоишу қатъ гардидани он маълумот додааст. Ба андешаи пажӯҳишгар пайдо шудани рӯзномаи мазкур дар ҳаёти Бухорои аввали садаи бист аҳамияти ниҳоят муҳим дошта, нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар яд, ки дар таъсиси рӯзномаи тоҷикӣ ба ӯ кумак намояд. Дар асоси пешниҳоди дӯсташ Левин ба гумоштагони Россия дар Бухоро муроҷиат карда, барои таъсиси рӯзномаи ҳаррӯза иҷозат мегирад. Ба ақидаи муҳаққиқ Левин аз уҳдаи ин хоҳиши дӯсташ баромада, рӯзи 9 марти соли 1912 ба сафорати Россия дар Бухоро муроҷиат мекунад ва барои таъсиси рӯзномаи ҳаррӯзаи тиҷоратӣ ва саноатӣ, ки манфиатҳои аморати Бухороро ҳимоя карда, дар рӯҳияи ки дар ҳар шумора чоп мешуданд, мутолиа карда, аз рӯйдодҳои замони нав огаҳӣ пайдо менамуданд. Ҷолиб он аст, ки дар рӯзнома баробари воқеаву ҳодисаҳои замони нав рекламаҳои зиёд чоп шуда, дар бораи тиҷорат, рушди саноат ва дигар рӯйдодҳои фарҳангиву маданӣ маълумот интишор мешуд, ки муштариёни рӯзнома бо ин восита аз пешрафтҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ огаҳӣ пайдо менамуданд.

Бояд гуфт, ки Ӯ. Раҳмон дар бораи нақши ин рӯзнома беш аз понздаҳ мақола дар рӯзномаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чоп карда, доир ба паҳлуҳои мухталифи фаъолияти рӯзномаи мазкур изҳори назар кардааст. Вай баъзе мақолаҳои ин рӯзномаро ҳам ба хати сирилик гардонида, дар бораи қимати хабару мақолаҳое, ки дар рӯзнома интишор мешуд, фикрҳои ҷолиб баён намудааст. Ӯ, махсусан хидмати муаллифони фаъоли рӯзнома Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирҳайдар Мирбадалов, Мирзо Сироҷ, Абдурауфи Фитрат, Бақохоҷа бинни Ҳодихоҷаи Самарқандӣ, Садриддин Айнӣ ва дигаронро махсус таъкид менамояд.

# ДАР БОРАИ ОИНАИ ҶАҲОННАМОИ МИЛЛАТ — "БУХОРОИ ШАРИФ"

## (Тақриз ба китобчаи Ӯзбакбой Раҳмонов "Таърихномаи "Бухорои шариф")[1]

Аморати Бухоро ва Туркистон ба шумор меравад.

Равшанфикрон, ислоҳотхоҳон ва ҷадидон, ки барои бедории фикрии мардуми минтақа, аз ҷумла тоҷикону ӯзбекон, талош мекарданд, баъди пайдо шудани рӯзномаву маҷаллаҳо дар кишварҳои ҳамсоя, аз қабили Афғонистон, Туркия, Россия дар фикри таъсиси рӯзномаи тоҷикӣ афтода, борҳо масъалаи мазкурро баррасӣ карданд ва дар охир барои таъсиси он имконият пайдо намуда, ба мақсади хеш расиданд.

Муҳаққиқ масъалаҳои вобаста ба таъсиси рӯзномаро дар китобчааш шарҳ дода, заминаҳои пайдоиши онро таҳқиқ кардааст ва доир ба шахсоне, ки барои пайдо шудани ин рӯзномаи тоҷикӣ талош кардаанд, маълумот додааст. Вай менависад, ки "Мирзо Сироҷ ва Мирзо Муҳиддин Мансуров барои таъсиси рӯзнома саъю кӯшиши зиёд карданд". Дар ҳақиқат, ин ду шахсияти ватандӯст ба хотири амалӣ кардани ақидаҳои равшанфикрони тоҷик заҳмати зиёд кашиданд. Дар ҳамон давра Муҳиддин Мансуров ба сардори матбаа Г. Л. Левин, ки аз яҳудиёни Бухоро буд, муроҷиат карда, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки дар таъсиси рӯзномаи тоҷикӣ ба ӯ кумак намояд.

шариат нашр мегардад, розигӣ мегирад. Бо ҳамин ба ақидаи Ӯ. Раҳмон "Рӯзи якшанбеи 4 уми рабиуссонии соли 1330 ҳиҷрӣ (11 марти соли 1912) нахустин шумораи рӯзномаи "Бухорои шариф" нашр мегардад.

Бо таъкиди муҳаққиқ сармуҳаррири рӯзномаро дар аввал ду нафар – Мирҳайдар писари Хоҷа Қосим Мирбадалуф ва Мирзо Ҷалол Юсуфзода бар дӯш доштанд ва аз 20 апрели соли 1912 масъулияти рӯзнома бар дӯши Мирзо Ҷалол Юсуфзода меафтад. Ин ду нафар аз ҷумлаи шахсиятҳои шинохтаи шаҳр буданд. Аввалӣ ба сифати тарҷумон дар сафоратхонаи Россия дар Бухоро кор мекард ва дуюмӣ, озаритабор буда, забони форсӣ-тоҷикиро ниҳоят хуб медонистааст ва ба кори рӯзноманигорӣ низ ошноӣ доштааст. Аз ин рӯ, равшанфикрон ва муассисони рӯзнома ба ин ду нафар бовар карда, рӯзномаро бар дӯши онҳо мегузоранд. Бо ҳамин нашри рӯзнома ба роҳ монда мешавад ва мардуми Бухоро ва дигар шаҳру навоҳии атрофи Туркистон бо шавқ онро мутолиа карда, аз хабарҳои Аморати Бухоро, Туркистон ва дигар кишварҳо ошноӣ пайдо карда, матолиби ҷолибро, ки дар ҳар шумора чоп мешуданд...

Барои ҷамъ овардани маводи таърихӣ Ӯзбакбой Раҳмон аз сарчашмаҳое, ки дар бойгониҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ ва Китобхонаи вилоятии Бухоро маҳфузанд, истифода карда, маъхазҳои илмиеро, ки дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар ин мавзӯъ таълиф шудаанд, фаровон истифода намудааст. Муҳаққиқ бо эҳтиром аз хидмати донишмандони тоҷику ӯзбек ва олимони дигар кишварҳо ёд карда, бо як қисми онҳо ба баҳс даромада, хулосаҳои хешро доир ба аҳамияти ин рӯзнома ва саҳми он дар бедории фикри мардуми тоҷик воқеъбинона баён кардааст.

Вай бо ақидаи шарқшинос ва донишманди шинохта И. С. Брагинский, ки мегӯяд: "рӯзнома характери пантуркистӣ дорад" розӣ нашуда, доир ба аҳамият ва саҳми рӯзнома дар бедории фикрии тоҷикон, тарғиби ақидаҳои нав, рушди забони тоҷикӣ ва амсоли инҳо мисолҳои зиёд оварда, хидмати беназир доштани рӯзномаро дар арзи ҳастӣ кардани матбуоти тоҷикӣ ва ӯзбекӣ батафсил шарҳ медиҳад.

Дар рӯзномаи "Бухорои шариф" мақолаҳои мубоҳисавӣ низ чоп мешудааст. Бо интишори мақолаи "Муҷмалӣ дар хусуси забон" ва "Фелетун дар хусуси забон" як зумра равшанфикрон дар бораи забони тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ баҳс карда, Мовороуннаҳрро макони забони тоҷикӣ донистаанд. Дар ин бора Ӯ.Раҳмон доираи баҳсро идома дода, аз олимони барҷаста ёд мекунад ва баҳсро ба замони муосир оварда, ишораҳои Саид Нафисиро, ки «забони тоҷикӣ аз навоҳии Осиёи Миёна, ки қисми умдаи он имрӯз Тоҷикистон аст" ёд мекунад. Яъне, дар ҳамон давра барои равшанфикрон ҳастии забони тоҷикӣ, ҳифзу ҳимояи он, тозагии забон ва ворид шудани калимаву ибораҳои нав дар забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор мерафтааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

[1] *Ӯзбакбойи Раҳмон: Таърихномаи "Бухорои шариф": - Самарқанд: «Тӯрон - нашр», 2022. - 47 саҳ.*

# ДӮЗАНДАГӢ КАСБИ ШАРАФНОК АСТ

Саида ҳамон рӯз барои ба назди ҳокими ноҳияи Фарғона даромадан паси дари вай навбат мепоид. Хушбахтона, танҳо се-чор корафтода барои ҳалли масъалаҳои шахсӣ ба қабули вай омада буданд. Ҳарчанд як соат вақташ ройгон сипарӣ шуд, вале сабр кард, то ки ба Шуҳратҷон Муъминов мақсадашро баён кунад ва дар сурати мусоидати ӯ аз пайи кор шавад.

Ин дам барои мулоқот бо ҳоким боз се-чор марду зан вориди даҳлез шуданд.

– Навбати шумо фаро расид, апа, дароед, – гуфтани котиба вайро водор намуд, ки вориди утоқи ҳоким шавад.

– Ҳа, духтари соҳибкори тоҷик, хуш омадед? Корҳо чӣ хел? – аз муомилаи хуб, вале ғайримунтазири ҳокими ноҳияи Фарғона Саида андак дасту по гум кард ва баъд:

– Раҳмат, нағз, – гуфта кӯтоҳакак ҷавоб дод.

– Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаатон Мирзоҳид дирӯз ба наздам омад. Вай дар бораи шумо гуфт, ки дӯзандаи хеле моҳир ҳастед, аммо ба як утоқ эҳтиёҷ доред, то ки корхонаи хурди дӯзандагии худро ифтитоҳ кунед. Ман ин иқдоми шуморо комилан тарафдорӣ мекунам, зеро Президент ҳамеша аз ҳокимон тақозо мекунанд, ки аз шумо барин занони ташаббускор дастгирӣ ва дар ҳалли мушкилоташон фавран чораҷӯйӣ кунем, – изҳор кард Шуҳратҷон Муъминов.

Баъд ба Саида як вараќи муҳрдорро дароз карда гуфт:

– Ин қарори ҳокими ноҳия аст. Бар асоси он аз ҳисоби бинои собиқи ошхонаи матлуботи ҷамъият, ки чанд сол ин сӯ холӣ истодааст, барои васеъ намудани корхонаи хусусии шумо боз як утоқ ҷудо кардем. Масъалаи гирифтани кредити имтиёзнокро ҳал кардед? – пурсид ҳоким аз Саида.

– Дар "Халқбанк" аризаамро дида баромадаанд. Мудири шуъбаи кредит ба ман гуфт, ки барои ифтитоҳи корхонаи хурди хусусии дӯзандагӣ 20 миллион сӯм қарзи имтиёзнок ҷудо намуданд. Аммо, ин маблағро замоне ба ҳисобсурати ман мегузарондаанд, ки дар бораи пайдо шудани бинои корхона ба ин бонк ҳуҷҷат пешниҳод кунам, – ин бор ҷасорат пайдо карда гуфт Саида. Баъд афзуд, ки бо ин қарор зуд ба бонк меравад ва мегӯяд, ки пулро ба ҳисобсураташ гузаронанд.

– Пас, ҳамаи масъалаҳо ҳал шуданд. Акнун фақат даст ба кор задани шумо мондаасту халос. Фаромӯш накунед, ки ғайр аз худатон он ҷо боз ҳадди ақал се-чор нафар бояд шомили кор шаванд, – гуфт ҳоким.

Ростӣ, Саида аз чунин ранг гирифтани ҳол дарун-дарун шодӣ мекард. "Ҳокими ноҳиямон одами хуб аст, мегуфтанд. Аммо боре иттифоқ наафтодааст, ки бо худи ӯ бевосита суҳбат кунам», аз дил гузаронд Саида.

Вай бо шитоб ба сари кӯчаи калон баромад ва ба мошине савор шуд. Баъд ба ронанда амр кард, ки чанбари мошинро ба деҳаи Дамкӯл битобад, то ки ҳуҷҷатҳои боқимондаро низ аз хона гирифта ба бонк равад ва пулро ҳарчи зудтар ба ҳисобсураташ гузаронад.

– Наздики се сол мешавад, ки дар ин ҷо корхонаи дӯзандагии худро кушодаам. Аз рӯйи фармоиши мардум либосҳои занонаву мардона ва кӯдакона медӯзем. Инчунин ба як гурӯҳ духтарони деҳоти атроф касби дӯзандагиро низ ёд медиҳам, – мегӯяд Саида Яъқубова.

Дар маркази деҳаи Дамкӯл идораи ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ҷойгир шудааст. Дар самти дигари кӯча, рӯ ба рӯйи ин бинои ҷамоат биное воқеъ гаштааст, ки дар он чанд нафар соҳибкор машғули фаъолиятҳои гуногун мебошанд. Дар як қисми бино корхонаи акфабарорӣ ба роҳ монда шудааст ва он ҷо як гурӯҳ ҷавонони дамкӯлӣ ба истеҳсоли дару тиреза машғуланд.

Дар ҳамин ҳол корхонаи хурди хусусии Саида дорои шаш мошини нави дӯзандагӣ мебошад. Ин мошинҳо дар ивази ҳамон маблағе харидорӣ шудаанд, ки "Халқбанк" барои се сол бо 7 фоизи солона қарз додааст.

– Корам барор кард ва ҳамин моҳ ҳамаи қарзи бонкро бармегардонам. Шавҳарам Баҳромҷон дар кори ман ҳамеша ҳамкору ёвар аст, – мегӯяд Саида.

Вай ҳанӯз зимни мактабхонӣ ба касби дӯзандагӣ шавқу ҳавас пайдо карда будааст. Модараш апаи Хайринисо зимни суҳбат мегӯяд, ҳарчанд дар касби дӯзандагӣ чандон соҳиби малакаву маҳорат набуд, вале гоҳ-гоҳ дар хона бо ҳамон мошини чокдӯзӣ чоки либосҳои духтарону писаронашро медӯхт.

– Ҳамон вақт Саида ба тарзи дӯхтанам зеҳн мемонд ва баъзан хоҳиш мекард, ки худаш ин ё он чокро дӯзад. Фаҳмидан мушкил набуд, ки ҳамин касб ба духтарам хеле писанд афтодааст. Вақте ки синфи ҳаштуми мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 40-уми деҳаро хатм намуд, падараш вайро ба шаҳри Фарғона бурданд. Вай аввал дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникии рақами 1-и шаҳр риштаи дӯзандагиро тамом кард. Баъд барои такмили касбу ихтисос ба ателеи дӯзандагии "Лола" ба кор даромад, – мегӯяд Хайринисо Мирзоева.

Ҳар киро шавқу завқе бошад, ҳатман сари кореро мегирад ва ҳам худаш ва ҳам атрофиён аз баракоти кори вай баҳраманд мешаванд. Саида Яъқубова аз зумраи занҳоест, ки бо меҳнати худ ба одамони зиёд, хусусан духтарон, зеб мебахшад.

Ҳоло вай ба Мафтуна Абдуқодирова, Ситора Ҷумъабоева, Зайтуна Носирҷонова ва се нафар духтарони дигар дӯзандагӣ ёд медиҳад. То ин замон 18 нафар аз мактаби дӯзандагии вай гузаштаанд ва ҳоло мустақилона ба дӯхтани сару либос машғуланд.

– Саида дар мактаб аз талабагони аълохон буд. Аммо тибқи шароити маҳали мо на ҳамаи духтарон ҷуръат мекарданд, ки баъди хатми мактаб ба ягон донишгоҳ раванду дохил шаванд. Ҳоло низ тақрибан ҳамон расму ойин давом мекунад. Аксарияти духтарон ба шавҳар мебароянд ва машғули кору зиндагӣ мешаванд. Ҳамон сол Саида азм намуд, ки бо шаҳодатномаи синфи ҳашт таҳсилро дар омӯзишгоҳ давом медиҳад. Ин хоҳишашро мо низ дастгирӣ кардем. Ҳоло ин шогирди мо дар ноҳияи Фарғона аз мутахассисони варзидаи касбу кори дӯзандагӣ муаррифӣ шудааст, – мегӯяд собиқ директори мактаби рақами 40-уми деҳаи Дамкӯл Мадаминҷон Ҷалилов.

Саида узви иттиҳодияи "Ҳунарманд"-и вилояти Фарғона мебошад. Маълум шуд, ки вай дар фестивалҳои гуногуни ноҳиявӣ ва вилоятӣ бо намунаи либосҳои дӯхтаи худ ва шогирдонаш иштирок мекунад. Баъзан дар ин фестивалҳо дастандаркорони он хоҳиш мекунанд, ки вай ба гурӯҳи духтарон аз дӯзандагӣ дарси маҳорат гузарад ва Саида ин хоҳиши онҳоро бо камоли майл анҷом медиҳад.



– Вай баъзан хеле serкор мешавад. Хусусан, дар мавсими тӯйҳои арӯсӣ пушти дари корхонаи дӯзандагии Саидахонро пур аз мизоҷон мебинем. Ҳамон рӯзҳо дасташ ба дасташ намерасад, зеро духтарони гирду атроф ва ҳатто деҳаҳои ҳамсоя – Оқтом, Лоғон, Кафтархона, Гулистон ва амсоли он бештар ба вай дӯхтани либосҳои арӯсии худро фармоиш медиҳанд. Бе муҳобот, ҳар як либоси дӯхтааш ҳаваси касро бедор мекунад, – мегӯяд сокини солхӯрдаи деҳаи Оқтеппаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Дамкӯл Маърифат Бобоева.

Ба гуфтаи ин ҳамсуҳбати мо то нафақа чанд сол дар бунгоҳи тиббӣ, воқеъ дар шафати корхонаи дӯзандагии Саида Яъқубова ҳамшира шуда кор кард. Маърифат Бобоева мегӯяд, ки Саида ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин зани баиффату порсост. Ягон бор дуруштгапии ӯро надидааст. Бо ҳама ҳамеша муомилаи хуб мекунад. Падараш – Қурбоналиамак Мирзоев солҳои дароз дар мақомҳои роҳбарӣ кор кардааст. Барои ҳамин ҳама дар ин марзу бум ӯро "Раисбобо" ном мебаранд.

– Қурбоналиамак ба фарзандонаш тарбияи хуб додааст. Шояд барои ҳамин духтараш Саида низ ҳамин анъанаи хонаводаи худашонро эҳтиром мекунад. Одамони маҳалла бо даҳони пур ин зани дӯзандаро таърифу тавсиф мекунанд, – изҳор намуд Маърифат Бобоева.

Саида ва Баҳромҷон Яъқубовҳо соҳиби се фарзанд ҳастанд. Нахустини онҳо – Асадуллоҳ коллеҷи тиббиро хатм намудааст. Духтаронаш дар мактаби таълимоти ҳамагонӣ машғули таҳсил мебошанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Солҳои Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ роҳбари ҳамонвақтаи мамлакат супориш дод филмҳое офарида шаванд, ки ба ҷанговарони мо рӯҳ бахшанд. Ба вазнинии шароит нигоҳ накарда, аҳли санъату фарҳанг аз пайи иҷрои вазифа шуданд. Ҳаракатҳо зоеъ нарафт…***

# ТАЪРИХИ ОФАРИНИШИ «АРШИН МАЛ-АЛАН»



«Тоҳир ва Зуҳро» (коргардон Н.Ғаниев) рӯйи экран дид, таваҷҷуҳи умум ба худ кашид, ба чандин забонҳои дунё тарҷума гашт. Ҳафтод сол бештар гузашта бошад ҳам, ин картина ҳанӯз намоиш меёбад аз тариқи телевизиони маҳаллӣ.

Озарбойҷониҳо, дар як вақт, ба офаридани филми «Аршин мал-алан» («Аршин молчи») шурӯъ намуданд. Халқҳои дигар низ дар солҳои ҷанг ба исбот расонданд дар адабиёт ва санъаташон пешравиҳо ҳис мешавад. Беҳтарин асарҳо ба мукофоти давлатӣ пешниҳод шуданд. Аз синамо ягона картинае, ки ба «Тоҳир ва Зуҳро»-и мо рақобат карда метавонист, «Аршин малалан» буд. Ба И.В.Сталин маҳсули озарбойҷониҳо бештар писанд омад, мукофоти олӣ ба онҳо насиб кард. Ҳақиқатан ҳам аҳли санъати Озарбойҷон асари воқеие офарида буданд ба мукофоти давлатӣ бештар муносиб. «Аршин-мал-алан» ба 86 забони дунё дубляж гардид, дар 136 кишвари олам намоиш ёфт. Яке аз асосгузорони мусиқии миллии Озарбойҷон У.Ҳоҷибеков, ки муаллифи опереттаи ҳамном аст, хеле машҳур гашт.

Иҷрогарони нақшҳои марказӣ Лейли Бадирбейли (Гулчеҳра) ва Рашид Бейбутов (Аскар) низ. Мегӯянд ин ду ҳунарвари нотакрор дар ҳаёти воқеӣ низ якдигарро қалбан дӯст медоштанд, вале ҳеч вақт роз ошкор накардаанд. Соли 1999 Лейлихонум дар синни 79 аз олам гузашт. Дар қабристоне, ки Рашид ба хоби абадӣ рафта буд, дафн гашт. Рӯзи ба хок супурда шудани актриса нафаре ба сари қабри актёр омад ва бо оби дида гуфт: «Рашид, Гулчеҳраат аз пасат меравад…»

Ҳикоят мекунанд «Аршин малалан»-ро нафақат И.В.Сталин, балки доҳии чиноиҳо Мао Тзедун низ бисёр дӯст медошт, батакрор тамошо мекард. Хусусан, ин диологи хидматгорҳои арӯс ва домодро, ки низ якдигарро нағз дида буданд: «Пулат ҳаст?» «Ҳаст, ҳаст!» Гуфтугӯ дар асл низ вирди забони дӯстдорони мазҳака шуда буд: «Пулун вар?» «Вар, вар!»

Айни замон илоҷи «мушкил»-и беваҳои солхӯрда, ки хонадор шудаианд: «Як мулло, як сарқанд ва се сӯм пул».

«Аршин мал-алан», ки шуҳрати ҷаҳонӣ ёфт, яке аз «кассабобтарин» филмҳои шӯравӣ низ буд, ки даромади хеле калон овард.

Соли 1965 филмофарони озарбойҷонӣ ба он дубора рӯй оварданд, вале филми рангае, ки офариданд (нақшҳои Гулчеҳра ва Аскарро Лейли Шахлинская ва Гасан Мамедов бозидаанд) чандон шуҳрат наёфт. Аввалааш беҳтар буд, гуфтанд аксар тамошобинон.

Воқеае, ки ибтидои асри XX дар Боку рӯй дод, эътибори У.Ҳоҷибековро, ки ҳанӯз донишҷӯ буд, ба худ кашид. Бойбачае мехост зан гирад, вале аввал духтарро дида, баъд хостгор гузоштанӣ. Пеш аз тӯй якдигарро дидани арӯсу домод манъ аст. Хусусан, кӯча баромадани келиншаванда мумкин нест. Аскари ҷавон гаранг аст: «Чӣ тавр Гулчеҳраро диданаш мумкин?»

Дӯсташ Сулаймон як маслиҳати хуб дод: либоси «аршимолчи» (савдогари кӯча)-ро пӯш, ба хонааш рав…

Аскар гуфтаи дӯсташро кард, воқеаҳои яке аз дигаре шавқбахштар ривоҷ ёфтанд. Мусиқӣ ва сурудҳое, ки танин меандозанд, рақсҳое, ки ба иҷро мерасанд, басо марғуб. Воқеан, ҳанӯз соли 1916 «Аршин мал-алан» саҳнавӣ шуда ва нақши Гулчеҳраро актёри рус Агдамекий хотирмон ба иҷро расонда буд. Коргардон – Вартени амрикоӣ. Муаллифи аввалин опереттаи мусиқӣ У. Ҳоҷибеков Донишгоҳи санъати Петербургро нав хатм карда ва соҳиби диплом шуда буд.

**Ш. МУҲАММАД.**

# "БАР САМАРҚАНДАМ БИЁ"

***Дар Китобхонаи маркази вилоят ба номи А.С.Пушкин тақдимоти китоби тозанашри узви Иттиҳоди оҳангсозони Ӯзбекистон Абдураҳмон Амонов бо номи "Бар Самарқандам биё" анҷумани бонуфузе баргузор гардид. Дар он шоиру нависандагон, донишомӯзони мактабҳои санъат ва ихлосмандони каломи бадеъ иштирок карданд. Рисолаи "Бар Самарқандам биё"-и А. Амонов аз ду китоб иборат буда, дар нашриёти "Тӯрон нашр"-и Самарқанд бо ташаббус ва сарпарастии Муқимҷон Орифӣ аз нашр баромад.***

Чорабиниро сармуҳаррири рӯзномаи "Зарафшон" Фармон Тошев ҳусни ифтитоҳ бахшида, оиди китоб ҳарф зад:

– Дар китоби якум оҳангҳои ба ашъори Ориф Гулханӣ басташуда ҷамъоварӣ шудаанд. Ин китоб яке аз василаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, рафоқат ва камолот ба шумор меравад.

Сипас, роҳбари шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Тошпӯлод Тугалов, оҳангсоз Равшан Ҳамроқулов, олими адабиётшинос Аслиддин Қамарзода, сармуҳаррири нашриёти "Турон нашр" Асадулло Шукуров ва набераи Ориф Гулханӣ Мунирамоҳ Орифова дар бораи машаққати роҳи эҷод ва ҳимматбаландии Муқимҷон Орифӣ ва муаллифи китоб Абдураҳмон Амонов фикрҳои ҷолиб баён намуданд.

– Нашри мукаммали китоб гулдастаи оҳангу сурудҳо аз ашъори ин шоирон бо номи "Бар Самарқандам биё" бо анъанаи хонаводагӣ бо ду забон – тоҷикию ӯзбекӣ ва дар ду нота яковозӣ ва бо ҳамҷӯрии фортепиано омодаи нашр шудааст. Инчунин, ба муқоваи охири китоб коди махсус (QR-код) гузошта шудааст, ки имкони бо воситаи телефон гӯш кардани сабти овози санъаткоронро медиҳад. Ин ҳам як навгонист. Ба ҳурмати устоди санъат Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, ки бо Ориф Гулханӣ ҳамзамон ва ҳаммаслак буданд, суруди "Ушшоқи Самарқанд"-ро ҳамчун суруди беҳтарини ҳама вақту замон дар оғози китоб ҷой додаанд. Ин қадршиносию сипосгузорӣ ба як нобиғаи санъат аст. Китоб бо ду алифбо — криллӣ ва лотинӣ ва панҷ забон маълумотро дар бар мегирад, – таъкид намуд сармуҳаррири нашриёт Асадулло Шукуров.

**Асалой САРХАТЗОДА.**

# ДАР БОРАИ ОИНАИ ҶАҲОННАМОИ МИЛЛАТ – “БУХОРОИ ШАРИФ”

(Аввалаш дар саҳ.3).

Масъалаи дигаре, ки пажӯҳишгар бештар ба он таваҷҷуҳ кардааст, нақши рӯзнома дар бедории фикрӣ ва тарғиби илму дониш ва ҷалби наврасону ҷавонон ба таълиму тарбия будааст. Дар ин бора рӯзномаи “Бухорои шариф” мақолаҳои зиёд чоп карда, аҳамияти илму донишро ба омма шарҳ медодааст. Масалан, дар шумораи чаҳоруми рӯзнома, ки 15 марти соли 1912 чоп шудааст, мақолаи “Дигарон чӣ кардaнд?” интишор мешавад, ки дар он омадааст: “Аз баҳри ҳар коре мадрасаи махсус гузошта, авлод ва атфоли худро ба таҳсили илм ва касб машғул созанд. Ихтироот ва саноатро омӯзанд. Илми киштукор, бофандагӣ ва ғайра дар мадрасаҳои алоҳида омӯхта шавад”, (Таърихнома...., саҳ 22).

Ин ишора имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст. Баъди 110 сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мазмуни ин мақола такя карда, бо таваҷҷуҳ “Солҳои 2022-2026-ро солҳои рушди саноат” эълон карданд ва ҳамчунин масъалаҳои ихтироот, технологияи нав ва саноат мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар пайи амалӣ гардидани пешниҳоди Сарвари давлат талош карда, ба ислоҳоти соҳаи саноат ва бунёди корхонаҳои хурду бузург иқдом гирифтааст. Ин биниши дурбинонаи равшанфикрони тоҷик имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накарда, ҳамчун манбаи рушди кишвар истифода мешавад.

Баҳси илму таълим, дар ҳақиқат дар рӯзномаи “Бухорои шариф” хело домадор буда, бисёрӣ аз ислоҳотгарон усулҳои нави таълимро тарғиб карда, барои босавод кардани мардум таклифҳои мушаххас пешниҳод мекарданд ва назару андешаҳои худро ошкоро тавассути ин рӯзнома ифода менамуданд.

Дар рӯзномаи “Бухорои шариф” ба рушди адабиёт низ аҳамияти хосса дода мешудааст. Дар шумораҳои ҳаррӯзаи он асарҳои насрӣ, назмӣ ва тарҷумаҳои бадеӣ чоп шуда, шеърҳои А. Фитрат, Мирзо Сироҷ ва дигарон, ки бештар ҷанбаи маърифатӣ ва ташвиқотӣ доштанд, чоп мегардиданд. Барои намуна Ӯ. Раҳмон аз шеъри А. Фитрат “Фарёд” ва “Ҷавоби мутоиба”-и Мирзо Сироҷ ёд карда, таъкид месозад, ки бо чунин шеърҳои интиқодӣ ва иҷтимоӣ шоирон камбудиҳои ҷомеаро фош менамуданд ва мардумро барои босавод шудан, илм омӯхтан ва ҳунарманд гардидан даъват мекарданд. Барои намуна чанд байт аз Мирзо Сироҷ пешниҳод мешавад:

*Ободии ин Ватан ба мо фарз,*
*Бошад, ки адо кунем, ин қарз.*
*Кошонаи худ кунем обод,*
*Рӯҳи падарони хештан шод.*
*Аз ишқи маҷоз чашм пӯшем,*
*Дар ишқи ҳақиқате бикӯшем....*
*Аз завқ зи гӯшаи гулистон,*
*Гӯим-ш ба ҳазор достон:*
*Хезед, ки вақти ишқбозист,*
*“Вақти ҳунар асту сарфарозист”*

Шеъри мазкур дар шумораи 52-юми рӯзномаи “Бухорои шариф” чоп шуда, дар ҳамон замон тарафдорони зиёд пайдо кардаа буд. Шоир ба мардум муроҷиат намуда, ҳунаромӯзиро ниҳоят амали нек ва ишқи воқеӣ медонад ва бо ҷиддият дигаронро низ ба касбомӯзӣ даъват мекунад.

Мавзӯи ашъори аксари шоирони равшанфикр ва ислоҳотхоҳ аз чунин масъалаҳо иборат буданд ва ин андешаҳоро дигарон низ дастгирӣ мекарданд. Дар рӯзнома воқеан касбомӯзӣ ниҳоят зиёд тарғиб шуда, дар аксари мақолаҳо масъалаи мазкур баррасӣ шудааст.

Ӯ. Раҳмон инчунин саҳми Мирзо Сироҷи Ҳакимро дар тарғиби илм ва рангин кардани саҳифаҳои рӯзнома муҳим арзёбӣ меномояд. Ин шоиру нависандаи ватандӯст дар мақолаҳои худ дар бораи рушди илм дар Аврупо ва Россия маълумот дода, хонандагонро ба пешрафти илмҳои табиатшиносӣ ва табиӣ шинос мекардааст. Дар ҳар саҳифаи рӯзнома ин олиму нависандаи тоҷик мақола ва хабарҳо чоп карда, дӯстдорони рӯзномаро аз дастовардҳои илм огоҳ мекардааст. Вай ҳатто дар бораи аҳамияти ҳаммом барои саломатии инсон мақола навишта, пешниҳод кардааааст, ки дар Бухоро ҳаммомҳои замонавӣ бунёд намоянд, то мардум ба тозагии бадан машғул шаванд.

Дар рӯзномаи мазкур таҷумаи бадеӣ нақши фаъол доштааст ва дар ҳамон давра ҳикояҳои Л. Толстой, И. Довид, Анри де Рине ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудааст, ки ба онҳо аксари адибони равшанфикр ошно шудаанд.

Муаллифи китобча аз баста шудани рӯзномаи “Бухорои шариф” низ хабар дода, дар асараш менависад: “Ва 2 январи соли 1913 “ ин ду ниҳол, ки акнун ба мева додан даромада буданд, бо табири зулм ва истибдод аз боғчаи халқ бурида партофта шуд”

“Ин ду ниҳол” ишораи пуралами устод Садриддин Айнӣ мебошад, ки дар бораи баста шудани рӯзномаи “Бухорои шариф” ва замимаи он “Тӯрон” гуфтааст. Дар воқеъ, ин ду рӯзнома, бахусус рӯзномаи “Бухорои шариф” дар бедории халқи тоҷик ва ӯзбек нақши бузург бозида, барои пешрафту тараққиёти Туркистон ва Осиёи Миёна саҳми шоиста гузоштааст. Маҳз ҳамин рӯзнома мардумро барои ба даст овардани савод, илму дониш даъват карда, беҳтарин дастовардҳои замони навро тарғиб намудаст.

Китобчаи Ӯ. Раҳмон дар арафаи 110-солагии нахустин рӯзномаи тоҷикии “Бухорои шариф” туҳфаи арзанда ба шумор рафта, барои илми журналистика ва омӯзиши таърихи рушди матбуоти тоҷик ва ӯзбек нақши арзанда мебозад. Муаллиф, дар ҳақиқат кӯшиши зиёд ба харҷ дода, маводи фаровонро мутолиа ва ҷамъоварӣ намуда, барги сабзеро дар арафаи Рӯзи матбуот дар Тоҷикистон омода кардааст. Ин китобча аз тарафи адиби шинохтаи Самарқанд Асадулло Шукур дастгирӣ ва чоп шудааст, ки ҳам муаллиф ва ҳам нoширро бо ин кори хайрашон табрик менамоем.

P.S. Хоҳишмандон ва муҳаққиқон метавонанд ба шумораҳои рӯзномаи “Бухорои шариф” дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ шинос шаванд ва онро мутолиа намоянд.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**



## Духтари хушбахти Ватан ҳастам

*Дар мамлакатамон баҳри дастгирии ҷавонони боиқтидор, ба рӯйи об баровардани истеъдод ва рағбатноккунии онҳо эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Баргузор намудани озмун-азназаргузарониҳо, ҷашнвораҳои санъат, варзиш ва фарҳанг барои муайян намудани соҳибони боистеъдод хидмат мекунад. Бахусус, барои дастгирии духтарони боиқтидор ва фаъол озмуни мукофоти давлатии ба номи Зулфия дар самтҳои фарҳанг, санъат, илму фан, таълим ва адабиёт садҳо духтарони боистеъдодро кашф намуд. Аз ҷумла, аз вилояти Андиҷон 28 нафар духтарон соҳиби чунин мукофоти бонуфуз гардиданд. Дар байни онҳо донишҷӯи Донишкадаи давлатии тиббии Андиҷон Дурдонабегим Зайнобиддинова низ буд. Мақолаҳои бисёри илмии ӯ дар маҷаллаҳои илмии давлатҳои Русия ва Туркия рӯйи чопро дидаанд.*

*Ӯ нафақат аълохон, балки дар корҳои ҷамоатӣ фаъол буда, сазовори стипендияи ҳокими вилояти Андиҷон гардидааст.*

*– Ман яке аз духтарони хушбахти Ӯзбекистони Нав мебошам,– мегӯяд Дурдонабегим. – Чунки саъю ҳаракат ва ҷустуҷӯйи маро дар соҳаи илму фан давлатамон арзёбӣ намуд. Ба мукофоти давлатии ба номи Зулфия мушарраф гардидам. Аз Президенти кишвар, ки мо ҷавононро ғамхорӣ менамояд, миннатдорам. Ваъда медиҳам, ки бо донишу меҳнати фидокоронаам барои ояндаи дурахшони Ватан ҳисса мегузорам.*

*Дурдонабегим таҳти мавзӯи “Бемории рагу хун дар занони ҳомила, пешгирии он ва усулҳои табобати замонавӣ” кори илмӣ мебарад.*

***Дар акс: Дурдонабегим ЗАЙНОБИДДИНОВА.***
***Аксбардор: Ф. УБАЙДУЛЛОЕВ. ЎзА.***

***10 марти соли ҷорӣ маркази деҳаи «Қӯрғони Вардонзе»-и ноҳияи Шофиркон намуди идона дошт. Фаъолони маҳалла, собиқадорони меҳнат, намояндагони касбу кори гуногун, меҳмонон, мутасаддиёни маҳалла дар атрофи дасторхони пурфайзи наврӯзӣ ҷамъ омаданд.***

## БИНОИ НАВИ «ҚӮРҒОНИ ВАРДОНЗЕ»

Суруду таронаҳо дар иҷрои талабагони мактаби санъат ва мусиқӣ ба дилҳо сурур мебахшид. Бояд таъкид намуд, ки ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қӯрғони Вардонзе» то ҳол биноии идораи алоҳидаи худро надошт. Вай дар давоми солҳо гоҳ аз боғча ҷо мегирифту гоҳ аз мактаб, солҳои охир бошад, дар бинои бунгоҳи тиббии деҳа ҷогузин шуда буд. Бо тақозои замон эътибори давлат ба маҳалла афзуду имсол ин масъала ҳалли худро ёфт. Дар асоси 150 миллион сӯм маблағи ҳокимияти ноҳия ва ҳомиён сохтмончиёни ҶММ «Олмос инвест» бинои нави замонавии маҳалларо дар муддати кӯтоҳ сохта омодаи истифодабарӣ карданд. Ҳоло меҳмонону мизбонон бо мақсади ба истифода супоридашавии ин бино ба ин ҷо ташриф овардаанд. Ҳокими ноҳия Ҷамшед Шарофов ҷамъомадагонро бо дастрасшавии бинои нави замонавии маҳалла, ки дорои як қатор қулайҳост ва фарорасии мавсими гулу сабза – Наврӯзи навбаҳорон табрику муборакбод намуд.

Лента бурида шуда, меҳмонону мизбонон бо навбат вориди бино гардиданд. Онҳо хонаҳои хидматии барои ҳар як корманди маҳалла алоҳида: раису муовинонаш, ёвари ҳокиму роҳбаладии ҷавонон, инспектори профилактикаю маҷлисгоҳ ва ғайраро бо шароити намунавиаш дида хеле шод шуданд. Баъди дархосту ниятҳои нек, дуои хайри мӯйсафедон ва мулоқоти самимона таъоми лазиз ош файзи дастархонро афзуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## КИТОБ – САРЧАШМАИ ДОНИШУ МАЪРИФАТ

***Китоб манбаи рӯшноӣ, сарчашмаи донишу маърифати инсон аст. Фармони Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев доир ба мутолиаи китоб ва маданияти китобхонӣ ба мо – омӯзгорон рӯҳи тоза бахшид.***

Китоб ақлу хирад, заковати одамонро зинда нигоҳ медорад, роҳи инсониятро бо нуру донишу маърифат равшан месозад. Он беҳтарин муъҷиза аст, ки Худованд ба одамон додааст. Ҳар қадар, ки онро мӯътабар донем, ҳамон қадар моро барои фатҳи зинаҳои баланди илму маърифат ноил месозад. Моро ба қуллаи мурод, ба баландтарин нуқтаи орзуву ҳадаф мерасонад.

Китоб дар ҳар мушкилӣ ба инсон ёрирасон мебошад. Ин лаҳза дар шеъри Ҷомӣ хуб ифода ёфтааст.

*Ҳуштар зи китоб дар*
*ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона*
*ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи*
*танҳоӣ,*
*Сад роҳате ҳаст,*
*ҳаргиз озоре нест.*

Мо, омӯзгорон метавонем шавқу ҳаваси насли наврасро ба китобхонӣ зиёд кунем. Зеро аз овони хурдсолӣ шавқу ҳаваси бачаҳоро ба олами афсонаю ҳикояҳо ҷалб кардан натиҷаи самарабахш медиҳад. Бояд ҳикояву афсонаҳоеро, ки ба синну соли онҳо мувофиқ аст, барояшон нақл кунем. Падару модарон метавонанд ба зодрӯзи фарзандашон ё ин ки иду рӯзҳои хурсандӣ китоб тӯҳфа кунанд, ки аз он пурбаҳотар тӯҳфае нест. Мо аз қарибонамон ба ҷойи китоб тӯҳфаи гаронбаҳо мунтазир мешавем. Ҳол он ки куртаҳои қиматбаҳо, планшет ё ин ки компутер ҷойи як китоби пурмаъноро гирифта наметавонад.

Дар мактаб ғайр аз китоб-



***Дар сурат:** муаллиф бо шогирдон дар ҷараёни дарс.*

хонаи мактаб боз китобхонаи синф ташкил карда, дар он бисёртар китобҳои шавқовари бадеӣ ҷамъ овардан мумкин аст.

Ман дар давоми фаъолияти педагогиам аз хонандагон ҳаминро талаб мекунам, ки бештар китобҳои бадеӣ мутолиа кунанд. Ва шогирдоне, ки ба ин амал мекунанд, ҳавасманд мегардонам.

Пеш аз ҳама худи омӯзгор бояд дар вақти холӣ аз кор бо мутолиаи китоб машғул шавад. Ҳар чизе, ки аз донишомӯз мепурсем, пеш аз ҳама, бояд худамон аз он хабардор бошем. Масалан, аз хонанда дар бораи Ватан шеър мепурсем. Аввал худи омӯзгор бояд дар бораи Ватан шеъри пурмазмунро ифоданок хонад, то ки дар дили шогирдон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббат пайдо шавад. Мисли ин сатрҳо:

*Ватанро бинозам,*
*маро дар канор*
*Чу модар гирифту*
*намуд бахтиёр.*
*Ватан ҷони ман,*
*ҳам ҷаҳони ман аст,*
*Ватан боғи ман,*
*бӯстони ман аст.*

**Гулгуной АЗИЗОВА,**
**омӯзгори**
**мактаби рақами**
**34-уми ноҳияи**
**Сайҳунободи**
**вилояти Сирдарё.**

*Дар арзҳои дӯстӣ*

## ШАҲДУ САМАРИ УМР

Эргашбойамак – писари Бобои Отабой аслан зодаи Чакалаки Ғазантераки Тоҷикистон. Ба ҷанги алайҳи зидди фашизм дар солҳои 1941-1945 рафту пас аз анҷоми набард ба зудӣ барнагашт. Бо Нюра ном русдухтараке издивоҷ карда, сипас роҳи зодгоҳро пеш гирифтанд.

Зану шавҳар бо аҳли диёри аслӣ дар як сафу дар як қатор истода, то охирҳои умр меғалтиданду мехестанд. Нахустин рӯзҳои зиндагиашон бо Нюра, ки деҳотиёни тоҷик ба тариқи хеш «Нура» мегуфтанд, чандон осон намекӯчид. Вале, рафта-рафта...

***

Дар набардҳо Эргашбойамаки он гоҳ ҷавони тануманд, борҳо захмӣ шуда, баъди ҷарроҳиву табобатҳо шифо меёфт. Боз ба корзор даромада меҷангид. Вале, як дафъа гӯё бахташу кораш омад накард. Дар задухӯрдҳои нобаробар алорағми хасм дар натиҷаи таркиши тири тӯп сараш сахт лат ёфт. Дар майдони ҷанг, дар қатори фавтидагону маъюбон дар ҳавои сарди зимистон монд, то дер гоҳ, то омадани хоҳарони шафқат мадҳуш мехобид.

Ҳавои сарди зимистон. Аз ҳар куҷо аранг-аранг нолаву фиғони захмиён шунида мешуд.

Ҷанг ҷанг аст. Аз рӯи қоидаву қонунҳои хеш ба касе раҳму шафқатро раво намебинаду раво надидааст дар ҳамаи давру замонҳо...

Аз дур ба гӯши Эргашбой, ки базӯр ба худ омада буду илоҷи халосӣ меҷуст, шарфаи по шунида шуду ба дилаш як навъ рӯшноӣ ато кард. Ин шарпаву сиёҳӣ шарпаи пои ҳамон духтарак – Нюраву волидонаш буд. Зеро, аз рӯи талаботи ҷанг он замон аҳолии таҳҷоӣ, вазифадор буданд, ки барои наҷоти захминшудагон кӯшиш баранд.

Эргашбои Отабойро ба кулбаи аз дасти ҷанг нимвайроншудаи хеш гирифта оварданд. Ӯро парасторӣ намуданд. Аз луқмаи бе ин ҳам ночизи худ насибаш гардонданд, ки ҳеҷ аз хотираш дур намеравад. Охир, «як донаи некӣ ҳазор реша дорад, ба шарте ки он ба марзаи дили некону роҳафтодагон биафтода бошад», гуфтаанд бузургони мо.

Дафъаи дигар вақте ки ӯ захмӣ шуд, дар шифохонаи ҳарбӣ муолиҷа гирифт. Нюра боз ба дидани ӯ омад...

...Ғиҷиррос зада кушода шудани дари палата ӯро ба худ овард. Ногоҳ, ҳамон Нюра ва боз ба қавли ғазантеракиҳои гузари Чакалак – Нураро дида, қалби пурҳарорату пурдардаш ҳаяҷон фаро гирифт.

Ҷонибҳо ба ҳам нигариста, лабханд мезаданду дар замирҳояшон оташаке фурӯзон мешуд.

– Камакак картошкаи дар қӯрпухта овардам, – гуфт Нюра.

– Шир овардам, волидонам салом гуфтанд, – иловаҳо менамуду дилбардориҳо месохт.

Байт:

*Як бор ҷамоли ёр дидан*
*ҳавас аст,*
*Дар орзуи дубора бисёр*
*кас аст.*

***

Ана ҳамин хел муносибати Отабои тоҷику як духтараки мавзунқомату чашмонаш гулобӣ, сафедчеҳраи рус, ҳамон наҷотдиҳандаи умраш ҷиддитар шуд.

Мулоқоту дидорбиниҳои мустаҳкам хулқу хӯи ҳамдигарии Нюраву Эргашбои Отабойро боз ҳам писанди ҳамдигар месохт. Нюраяш дар сари ҳар гап Эргашбои Отабояшро навозишкорона:

– Эргаш, Эргашик, – мегуфту Эргаши Отабой бо лаҳҷаи тоҷикиаш:

– Нура, Нураҷон! Ҷаҳони зебою нурафшон, сабабгори умри дубораам, – мегуфт.

... Ва ниҳоят, бо иҷозати командири қисми ҳарбӣ, ки он ҳангом бо тақозои шароити ҷангӣ ҳуқуқ ба издивоҷ намудан дода шуда буд, дар иштироки ҷанговарон — ҳамяроқон ақди никоҳ баста буданд. Бо ҳамин, то охири умри бобаракати хеш ҳамқисмату ҳамфикр бимонданд ва соҳиби фарзандон бо исмҳои Тоҳиру Зоҳир ва Марям шуданд.

Чӣ хеле ки мегӯянд: «Тифоқӣ аз муттафиқӣ хезад». Ба мисли Эргаш Отабои тоҷику Нюраи рус муттаҳидии халқҳоямон буд, ки аз болои фашизм музаффар шудем. Ба ин рӯзҳои накӯю истиқлолу ваҳдати миллӣ расидем.

**Муҳаммадшарифи САЛИМПУР,**
**сокини**
**шаҳри Сирдарё.**

## АФЗАЛТАРИН МЕРОСИ ПАДАР

***Имрӯз дар замони муносибатҳои бозаргонӣ молу мулк, мероси волидайн аз масъалаҳои доғи рӯзи муносибатҳои байни хешу таборон, додару хоҳарон маҳсуб меёбад. Дидаву шунида истодаем, ки бисёр додарону хоҳарон барои мероси аз падар монда гирифтори моҷароҳо ва кашокашиҳо шуда истодаанд. Ин яке аз доғҳои ҷамъияти имрӯза мебошад.***

Аз ин бармеояд, ки мо – падару модарон дар тарбияи фарзандон ҳоло ҳам ба камбудиҳо роҳ дода истодаем ва онро худамон ҳис намекунем, аммо ҷабрашро фарзандон мебинанд.

Тарбияи фарзанд ин санъат, санъати маънавӣ ва нозук мебошад. Ба тарбияи фарзандон бояд дар ҳар нафас, дар ҳар қадам эътибор диҳем, дар ин роҳ аз панду ҳикматҳо, ривояту ҳадисҳо самаранок истифода барем. Чунки ҳеҷ як боигарӣ ба фарзанд чун тарбияи падару модар, одобу ахлоқи онҳо афзалтарин мерос шуда наметавонад.

Аз ин рӯ, агар ба фарзанд тарбияи хуб диҳем, хулқу одоби некро омӯзонем, хушмуомилагӣ, сабру қаноатро ба онҳо диҳем, онҳо ба охирати мо раҳмат меоваранд. Дар ин ҷода Имом Мотурудӣ гуфтааст: «Панду насиҳат фақат ба соҳиби дорои фаҳму фаросат таъсир мекунад».

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
**ноҳияи Чуст.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 730 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.